**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**ҚАРОР**
**Правительство Республики Таджикистан**
**ПОСТАНОВЛЕНИЕ**

аз 6 июни соли 2003 № 259
ш. Душанбе

Дар бораи тасдиқи Нақшаи миллии фаъолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба паст намудани оқибатҳои тағйирёбии иқлим

Ҷиҳати иҷрои ӯҳдадориҳои Конвенсияи меъёрии Созмони Милали Муттаҳид доир ба тағйирёбии иқлим, то ҳадди ақал кам кардани таъсироти антропогенӣ ба системаи иқлимӣ ва мусоидат ба мутобиқшавӣ бо тағйирёбии иқлим Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Нақшаи миллии фаъолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба паст намудани оқибатҳои тағйирёбии иқлим тасдиқ карда шавад.

2. Вазорату идораҳои дахлдори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар банақшагирӣ ва амалӣ намудани сиёсати давлатӣ муқаррарот ва чорабиниҳои асосии Нақшаи миллии фаъолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба паст намудани оқибатҳои тағйирёбии иқлимро ба эътибор гиранд.

3. Саридораи обуҳавошиносӣ ва мушоҳидаҳои муҳити табиати Вазорати ҳифзи табиати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамоҳангсозии татбиқи Нақшаи миллии фаъолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба паст намудани оқибатҳои тағйирёбии иқлимро анҷом диҳад.

4. Вазорати иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҷалби сармояи хориҷӣ ҷиҳати таъмини иҷрои чорабиниҳои дахлдори Нақшаи миллии фаъолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба паст намудани оқибатҳои тағйирёбии иқлим мусоидат намояд.

5. Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тартиби муқарраргардида ба Котиботи Конвенсияи меъёрии Созмони Милали Муттаҳид дар хусуси тасдиқи Нақшаи миллии фаъолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба паст намудани оқибатҳои тағйирёбии иқлим огоҳинома фиристонад.

Раиси
Ҳукумати Ҷумҳурии
Тоҷикистон Э. Раҳмонов

ШУЪБАИ УМУМИ
ДАСТГОҲИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН